# ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ ПУЛАКӢ

**ш. Душанбе** **«___» ________ 20__ с.**

(нусхаи шиноснома қисми ҷудонашавандаи шартнома мебошад), ки минбаъд Фармоишгар номида мешавад ва Фонди ҷамъиятии эҳсонкории «Маркази забони олмонӣ Душанбе» дар шахсияти Директор Саломат Рахимова, ки дар асоси Оиннома амал мекунад ва минбаъд Иҷрокунанда номида мешавад, дар якҷояги Тарафҳо номида мешаванд Шартномаи мазкурро дар хусуси зерин бастанд.

**1.Матлаби шартнома**

1.1.Матлаби шартномаи мазкур хизматрасонии пулакии таълими аз тарафи Иҷрокунанда бо хоҳиши Фармоишгар мебошад.

Иҷрокунанда ӯҳдадор аст, ки хизматрасонии гузаронидани курсҳои забони олмониро барои Фармоишгар дар рӯз ва вакте, ки Фармоишгар интихоб намудааст, расонад, пас аз он, ки Иҷрокунанда ба Фармоишгар интихоби на камтар аз ду варианти алтернативиро пешниҳод намояд, ки минбаъд «Хизматрасони» номида мешавад.

1.2.Мӯҳлат ва давраи иҷрои хизматрасони: 13-15 ҳафта *(вобаста аз дараҷа)* = 2 маротиба дар ҳафта аз 3 соати академӣ, ҳаҷми умуми 6 соати академи дар ҳафта.

1.3.Ҳаҷми умумии хизматрасонии иҷрошуда: 78-90 соати академи *(вобаста аз дараҷа)* – (1 соати академи = 45 дақиқа)

1.4.Оғози хизматрасони рӯзи аввали дарс ҳисобида мешавад, дарс аз рӯи шартномаи мазкур аз ҳафтаи тақвими аз **«27» феврали 2023 сол** оғоз машавад.

1.5.Хизматрасони пас аз гузаштани 78-90 соати дарси аз тарафи Фармоишгар, ки ба ӯ Иҷрокунанда пешниҳод менамояд, анҷомёфта ҳисоб мешавад.

1.6.Шартномаи мазкур мӯҳлатнок мебошад. Мӯҳлати шартнома пас аз супоридани озмоиши шифоҳии ниҳоӣ аз тарафи Фармоишгар ё баъд аз анҷом ёфтани 13-15 ҳафта аз рӯзи дарси аввал, ки дар банди 1.4. шартнома омадааст қатъ мегардад.

**2.Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо**

**2.1.Иҷрокунанда ӯҳдадор аст:**

2.1.1.Хизматрасониро дар сатҳи стандартҳои ҷаҳонии Гёте-Институт ва стандартҳои ҷаҳонии донистани забон расонад.

2.1.2.Хизматрасониро дар ҳаҷми пурра ва саривақт, ки дар банди 1.4. Шартнома омадааст расонад.

2.1.3.Барои Фармоишгар омӯзгорони ботахассус, ки мунтазам таҷриба ва коромӯзиро дар Гёте-Институти тамоми ҷаҳон мегузаранд пешниҳод намояд.

2.1.4.Барои Фармоишгар бинои таълимии Иҷрокунандаро, ки бо таҷҳизотҳои мултимедиавӣ барои омӯзиши забанҳои хориҷӣ ва шароити хубу мусоид, ки барои чунин биноҳо муқаррар шудааст пешниҳод намояд.

2.1.5.Барои Фармоишгар ба моликияти шахси китоб ва диски дахлдори таълимии дарси, ки аз тарафи нашрияи олмони чоп шудааст пас аз пурра пардохт намудани курс пешниҳод намояд.

**2.2.Фармоишгар ӯҳдадор аст:**

2.2.1.Хизматрасонии Иҷрокунандаро ба таври пешпардохт дар ҳаҷми пурра, ки дар банди 3.1. шартномаи мазкур омадааст ҳангоми бастани шартнома пардохт намояд.

2.2.2.Қоидаҳои рафтори Маркази таълими ва инчунин қоидиҳои умуми рафтор, ки дар ҷамъият ва ҳудуди ҶТ қабул шудааст эътироф кунад. Ҳангоми вайрон кардани қоидаҳои рафтор дар Маркази таълими ва қоидаҳое ки дар Кодекси гражданӣ муқаррар карда шудааст, инчунин ҳангоми талоши ташкили мунокишаҳо ё чунбишҳои оммавӣ дар ҳудуди Маркази таълими ё ҳудуди ҳамшафақи он Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад нисбати Фармоишгар муҷозоти граждани-ҳуқуқи татбиқ намояд, инчунин аз курси таълими бе баргардонидани маблағи пардохтшуда хориҷ намояд.

2.2.3.Ҳангоми расонидани зарар ба моликияти Маркази таълими ё китобхонаи он, зарари расонидашударо аз ҳисоби худ пурра пардохт намояд ё ин ки таъмир намояд.

**2.3.Фармоишгар ҳуқуқ дорад:**

2.3.1.Рӯз ва вақти дарсиро аз рӯи нақшаи пешниҳодкардаи Иҷрокунанда, ки накамтар аз 2 вариант иборат аст интихоб намояд (ба истисноли дараҷаҳои олӣ).

2.3.2.Аз иҷро намудани шартнома на дертар аз 3 рӯз то оғози дарсҳо даст кашад. Дар ин ҳолат Фармоишгар ҳуқуқ дорад маблағи пардохтшударо дар ҳаҷми пурра бе тарҳи ноустуворона гирад. Ҳангоми даст кашидан аз дарсҳо пас аз оғози дарс, маблағи пардохтшуда, ки дар банди 3.1. шартномаи мазкур омадааст баргардонида намешавад.

2.3.3.Бо сабаби бемории Фармоишгар, ки барои иштироки ӯ дар дарс монеъ мегардад ба ӯ имконияти гузаронидани маблағи пардохтшуда ба курси оянда пешниҳод карда мешавад. Барои ин имконият баъд аз гирифтани маълумотномаи духтур, ки асос барои иштирок накардан дар дарсҳо мебошад, Фармоишгар ё намояндаи он фавран бояд Иҷрокунандаро огоҳ намояд ва бо роҳи гуфтушунид қарори мутақобилан оиди маблағи пардохтшударо ҳал намоянд. Дар ин маврид ҳалли ҳар як масъала катъиян мушаххас мебошад.

2.3.4.Пас аз пардохт курс ва номнавис кардан ба гурӯҳи дахлдор, Фармоишгар ҳуқуқи ройгони истифодаи тамоми маводҳои китобхонаро то ба охир расидани амали шартномаи мазкур дорад.

**3.Нархи шартнома**

3.1.Нархи шартномаи мазкур ***1000*** сомониро ташкил медиҳад.

3.2.Пардохти нархи шартнома аз ҷониби Фармоишгар ба Иҷрокунанда бо роҳи нақди дар хазина Маркази таълими бо ордери воридотии хазинави дар вақти бастани шартнома ё бо роҳи гузаронидан ба суратҳисоби Иҷрокунанда ба реквизитҳои бонки, ки дар шартнома зикр шудааст (танҳо шахсони ҳуқуқи) сурат мегирад.

**4.Масъулияти тарафҳо**

4.1.Чораҳои ҷавобгарии тарафҳо, ки дар шартномаи мазкур зикр нашудаанд, тибқи меъёрҳои қонунгузории гражданӣ татбиқ мешаванд.

**5. Ҳалли баҳсҳо**

5.1. Ҳамаи баҳсу ихтилофҳое, ки дар ҷараёни иҷрои Шартномаи мазкур ба вуҷуд меоянд, бо роҳи гуфтушунид ҳал карда мешаванд.

5.2.Дар сурати ба созиш нарасидан ҳалли баҳсҳо дар судҳои дахлдор ҳал карда мешаванд.

**6.Мукарароти хотимавӣ**

6.1.Ҳама гуна тағйирот ва иловаҳо ба шартномаи мазкур танҳо бо роҳи хаттӣ ва имзо намудани онҳо аз ҷониби тарафҳо ё шахсони салоҳиятдори онҳо роҳ дода мешавад. Замимаҳо ба шартномаи мазкур қисми ҷудонашавандаи шартнома ҳисоб мераванд.

6.2.Шартномаи мазкур дар ду нусхаи комилан мутобиқ ва асли бо забони тоҷикӣ, ки яктои (1) барои ҳар ду Тараф дода мешавад тартиб дода шудааст.

**Иҷрокунанда:**

Фонди ҷамъиятии эҳсонкории «Маркази забони олмонӣ Душанбе»

к. Пулоди 4,
734001 Душанбе,
Тоҷикистон

**Тел. +992 116113377**

ЧСП Аввалин бонки молиявии хурд,ш.Душанбе
,

Суратҳисоб:
**20202972700203730001**
Суратҳисоби корреспонденти:
**20402972714031**
РМБ: **350101403**

РЯМ: **0110012366**
РМА: **010086233**

***Директор***
***Саломат Рахимова***

**Имзои Фармоишгар**